Course name: "Economic Evaluation of Investments"

Week 2 : *Legal and Economic Foundations of Investment in Tajikistan*

## Номи фан: Баҳодиҳии иқтисодии сармоягузорӣ

*(Economic Evaluation of Investments)*

**МАВЗӮИ 2.** Асосҳои ҳуқуқию иқтисодии сармоягузорӣ дар Тоҷикистон

**Саволҳои лексия:**

1. Асосҳои ташкилию ҳуқуқии сармоягузорӣ дар Тоҷикистон
2. Заминаи андозбандии сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Калимаҳои кутоҳкардашуда:**

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон;
КА ҶТ – Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон;
ААИ – Андоз аз арзиши иловашуда.

### 1. Асосҳои ташкилию ҳуқуқии сармоягузорӣ дар Тоҷикистон

Асосҳои ташкилӣ, молиявӣ, ҳуқуқию иқтисодии ҳавасмандгардонӣ ва дастгирии давлатии сармоягузориро бо роҳи пешниҳоди низоми ҳуқуқии баробар ва кафолати ҳимояи ҳуқуқи сармоягузорон дар Тоҷикистон Қонуни ҶТ **«Дар бораи сармоягузорӣ»**, ки соли соли **2016** қабул шудааст, муайян менамояд.

Тибқи ин Қонун **сармоягузорӣ** - аз ҷониби сармоягузор дар шакли дороиҳои моддӣ ва ғайримоддӣ гузоштани сармоя дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади гирифтани фоида мебошад.

Инчунин тибқи ҳамин қонун **“сармоягузор** - шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин ташкилот бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти сармоягузориро амалӣ менамояд” ба ҳисоб меравад.[1]

Сармоягузор дар Тоҷикистон метавонад ба фаъолияти сармоягузорӣ молу мулк ва ҳуқуқ ба онҳоро, ки ба у ҳамчун моликият ва дигар асоси ҳуқуқӣ мансуб мебошад, гузорад, аз ҷумла:

- молу мулки ғайриманқул;
- воситаҳои пулӣ;
- саҳмияҳо, ҳиссаҳо дар *сармояи оинномавӣ (шарикона)* ва дигар шаклҳои иштирок дар шахси ҳуқуқӣ;
- ҳуқуқҳои молумулкӣ;
- моликияти зеҳнӣ ва дигар намудҳои ҳуқуқҳои ғайримолумулкӣ;

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» аз 15 марти соли 2016, № 1299 (тағйиру иловаҳо ҚҶТ аз 3.08.2018 № 1547).

- дигар объектҳои ҳуқуқҳои граждание, ки дар муомилот бо қонунгузорӣ маҳдуд карда нашудаанд.

**Ҳуқуқҳо ва кафолатҳои сармоягузорон:**

**Баробарҳуқуқӣ.** Тибқи моддаи 7, давлат баробарҳуқуқии сармоягузорони хориҷӣ ва ватаниро кафолат дода, ба поймолкунии ҳуқуқи сармоягузорон вобаста ба мансубияти шаҳрвандӣ, миллат, забон, ҷинс, нажод ва эътиқоди динӣ роҳ намедиҳад.

**Ҳимояи ҳуқуқӣ.** Тибқи моддаи 8, Қонуни "Дар бораи сармоягузорӣ" ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунӣ ва устувории қонунгузорӣ дар соҳаи сармоягузориро кафолат медиҳад. Сармоягузор ҳуқуқ дорад ба ҷуброни зарари расонидашуда аз ҷониби мақомоти давлатӣ.

**Ҳуқуқи истифодаи даромадҳо.** Тибқи моддаи 10, сармоягузорон ҳуқуқ доранд:

- дар бонкҳо суратҳисобҳо кушоянд;
- бо салоҳиди худ даромади бадастовардаро истифода намоянд;
- ба берун аз ҳудуди кишвар маблағҳои даромадиро интиқол диҳанд.

**Муомилоти асъорӣ.** Тибқи моддаи 11, сармоягузорон ҳуқуқи мубодилаи озоди пули миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба асъори дигар, инчунин хариди асъори хориҷӣ ва дигар амалиёти асъориро доранд.

**Ҳимоя аз экспроприатсия.** Тибқи моддаи 14, молу мулки сармоягузор миллӣ гардонида намешавад. Экспроприатсия ё реквизитсия бо пардохти арзиши молу мулк анҷом дода мешавад.

**Экспроприатсия** – ин азхудкунии маҷбурии муздноки молу мулк аз ҷониби давлат ба манфиати ҷомеа мебошад.

**Реквизитсия** – ин дар ҳолатҳои офати табиӣ, садама, бемориҳои сироятӣ (эпидемия), талафоти ҳайвонот (эпизоотия) ва дигар ҳолатҳои фавқулода тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз молик мутобиқи тартиб ва шартҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ба манфиати ҷомеа маҷбуран гирифтани молу мулк бо пардохти арзиши он ба молик мебошад.

**Кафолатҳо ва тадбирҳои иловагии ҳимояи сармоягузорон:**

Тибқи моддаи 9 дар баробари кафолатҳо ва тадбирҳои умумии ҳимояи сармоягузорон, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад кафолат ва тадбирҳои иловагии ҳимояи сармоягузориро пешбинӣ намояд.

Кафолат ва тадбирҳои иловагии ҳимояи сармоягузорӣ метавонанд ҳангоми амалисозии сармоягузорӣ, ки ҳаҷми умумии онҳо на камтар аз маблағи ҳамарзиши **панҷ миллион доллари Штатҳои Муттаҳидаи Америка** бо пулли миллиро ташкил медиҳад, пешниҳод шаванд.

Кафолат ва тадбирҳои иловагии ҳимояи сармоягузорӣ дар доираи созишнома ва шартномаҳои дахлдор дар асоси қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи созишномаи сармоягузорӣ", "Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ", "Дар бораи консессияҳо" ва "Дар бораи созишномаҳо оид ба тақсими маҳсулот" пешниҳод карда мешаванд.

Ғайр аз Қонуни асосӣ «Дар бораи сармоягузорӣ», қонунҳои зерин низ ҳамчун қонунҳои такмилдиҳанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунанд:

-Қонун «Дар бораи созишномаи сармоягузорӣ» (2013), ки лоиҳаҳои давлатӣ-хусусиро танзим менамояд;

- Қонун «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» (2012), ки ҳамкории давлату сектори хусусиро муқаррар мекунад;

- Қонун «Дар бораи консессияҳо» (2011), ки ҳуқуқи истифодаи объектҳои давлиро ба шахсони хусусӣ пешбинӣ менамояд."

Давлат дастгирии иттилоотӣ, молиявӣ ва молумулкӣ, аз ҷумла пешниҳоди грантҳои аслии давлатиро ба сармоягузорон, субъектҳои дигари фаъолияти сармоягузорӣ, ташкилотҳое, ки суғуртаи қарзҳо ва сармоягузориро аз хавф анҷом медиҳанд, амалӣ менамояд.

Имтиёзҳои андозӣ, гумрукӣ ва дигар имтиёзҳо ба сармоягузорон бо тартиб ва шартҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, созишномаҳо, шартномаҳои сармоягузорӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон пешниҳод карда мешаванд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи созишномаҳои сармоягузорӣ ва шартномаҳои дигар метавонад тавассути мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи сармоягузорӣ ба сармоягузорон грантҳои аслии давлатиро пешниҳод намояд.

Андозаи грантҳои аслии давлатӣ, шартҳои истифода ва ба моликият додани он, инчунин баргардонидани гранти аслӣ дар сурати пеш аз муҳлат қатъ намудани шартнома тибқи созишномаи байни сармоягузор ва мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи сармоягузорӣ муайян карда мешаванд.

## 2. Заминаи андозбандии сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тибқи моддаи 189 (банди 6 қисми 2) Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (КА ҶТ) даромади корхонаҳои навтаъсис аз таҳвили молҳои истеҳсолшуда, аз моҳе, ки дар он истеҳсоли молҳо оғоз ёфтааст агар

муассисони онҳо дар муҳлати 12 моҳи тақвимии аз санаи бақайдгирии ибтидоии давлатӣ ба сармояи оинномавии чунин корхонаҳо ҳаҷмҳои дар Кодекси андоз зикргардидаи сармоягузориҳоро ба муҳлатҳои муайяншуда ворид намоянд аз андози даромад аз шахсони ҳуқуқӣ озод карда мешаванд.

Сармоягузории аз андози даромад озод:

а) 2 сол, агар ҳаҷми сармоягузориҳо бештар аз 200 ҳазор доллари ИМА то 500 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил кунад;

б) 3 сол, агар ҳаҷми сармоягузориҳо бештар аз 500 ҳазор доллари ИМА то 2 миллион доллари ИМА-ро ташкил кунад;

в) 4 сол, агар ҳаҷми сармоягузориҳо бештар аз 2 миллион то 5 миллион доллари ИМА-ро ташкил кунад;

г) 5 сол, агар ҳаҷми сармоягузориҳо бештар аз 5 миллион доллари ИМА бошад.[2]

Дар ҳолати аз нав ба қайд гирифтани корхона ё азнавташкилдиҳии он, тағйирот дар шакли ташкилию ҳуқуқӣ, ҳамроҳшавӣ, ба иҷора гирифтани корхонаҳои истеҳсолии амалкунанда (нисбати даромадҳое, ки аз истеҳсоли моли корхонаҳои ба иҷора гирифташуда ва ё муттаҳидшуда ба даст оварда мешаванд) имтиёзҳои дар боло зикр гардида амалӣ карда намешавад. Инчунин ин имтиёз нисбат ба корхонаҳое, ки истихроҷи канданиҳои фоиданок ё амалиётҳоро дар соҳаи нафту газ амалӣ менамоянд, татбиқ карда намешаванд.

Инчунин тибқи ҳамин модда намудҳои зерини даромадҳои шахсони ҳуқуқӣ андозбандӣ карда намешаванд:

1) суди саҳмияҳое, ки корхонаҳо-резидентҳо аз корхонаҳо-резидентҳо мегиранд;

2) даромадҳои аз фаъолияти сайёҳӣ бадастомада дар давоми 5 сол аз санаи бақайдгирии давлатӣ дар сурати мавҷудияти иҷозатнома барои пешбурди фаъолияти сайёҳӣ;

3) даромадҳои ғайрирезидент аз лизинги амалиётии (иҷораи) киштиҳои ҳавоӣ (ҳавопаймо, чархбол), муҳаррикҳо, агрегатҳои асосӣ ва қисмҳои эҳтиётии онҳо, инчунин аз хизматрасонӣ ва таъмири киштиҳои ҳавоӣ (ҳавопаймо, чархбол), муҳаррикҳо ва агрегатҳои асосии онҳо тибқи шартномаҳои дахлдор бо ширкатҳои ҳавопаймоии ватанӣ;

4) корхонаҳо, ба истисноии корхонаҳое, ки ба фаъолияти савдо, миёнаравӣ, таъминотӣ-фурӯш ва захиракунӣ машғуланд, ки дар онҳо дар як вақт дар соли ҳисоботии андоз:

[2] Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон /Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.11.2021, №549.

а) на камтар аз 50 фоизи шумораи кормандонро маъюбон ташкил медиҳанд;

б) на камтар аз 50 фоизи маблағҳои музди меҳнат ва таъминоти дигари моддӣ, аз ҷумла дар шакли натуралӣ, барои эҳтиёҷоти маъюбон сарф карда шудааст.

Тибқи банди 17-и моддаи 397 КА ҶТ аз 1 январи соли 2022 то 31 декабри соли 2031 шахсони ҳуқуқие, ки ба коркарди пилла, матоъҳои шоҳӣ, атласу адрас ва дигар маснуоти бофандагии аз он истеҳсолшаванда машғуланд, аз рӯи ин намудҳои фаъолият андозбандӣ карда намешаванд, ба истиснои андоз аз даромади шахсони воқеӣ ва андози иҷтимоӣ.

Тибқи банди 3-и моддаи 396-и КА ҶТ **с**убъектҳои фаъолияти инноватсионию технологӣ ки фаъолияти худро тибқи низоми содакардашудаи андозбандӣ барои фаъолияти инноватсионию технологӣ дар парки технологии аз ҷониби Ҳукумат таъсисдодашуда анҷом медиҳанд аз пардохти ҳама гуна андозҳо, ки дар Кодекси андоз пешбинӣ гардидаанд, озод карда мешаванд.

Тибқи банди 6-и ҳамин модда даромади саҳмдорон (иштирокчиён)-и субъектҳои фаъолияти инноватсионию технологӣ аз пардохти андоз аз суди саҳмияҳо дар манбаи пардохт озод карда мешаванд.

Инчунин тибқи банди 7-и ҳамин модда воридоти таҷҳизоти инноватсионию технологӣ аз ҷониби субъектҳои фаъолияти инноватсионию технологӣ, ки бевосита барои эҳтиёҷоти худии чунин субъектҳо истифода карда мешавад, аз пардохти ААИ озод карда мешавад. Дар ҳолати аз ҷониби субъектҳои фаъолияти инноватсионию технологӣ таҳвил додани таҷҳизоти инноватсионию технологии воридшуда чунин амалиётҳо бо ААИ ва андозҳои дигар бо тартиби умумии муқаррарнамудаи Кодекси андоз андозбандӣ карда мешаванд.

Тибқи моддаи 395-и КА ҶТ дар доираи низоми содакардашудаи андозбандии фаъолияти парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво **с**убъектҳои хоҷагидорӣ дар соҳаҳои парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво аз супоридани андозҳои зерин озод карда мешаванд:

- андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ;
- ААИ;
- андоз аз объектҳои ғайриманқул;
- андози замин.

Дар ҳолати таҳвил додани молҳои воридотӣ аз тарафи **с**убъектҳои хоҷагидорӣ дар соҳаҳои парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли

хӯроки омехтаи паранда ва чорво ба бозори дохилӣ чунин амалиёт бо ААИ, боҷи гумрукӣ ва андозҳои дигар бо тартиби умумии муқаррарнамудаи Кодекси андоз ва Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон андозбандӣ карда мешаванд.

Тибқи моддаи 251-и КА ҶТ агар таҳвили мол (иҷрои кор ва хизматрасонӣ) мутобиқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон аз пардохти ААИ озод карда шуда бошад, он амалиёти андозбандишаванда дониста намешавад ва арзиши онҳо аз ҷониби андозсупоранда ба амалиёти андозбандишаванда дохил карда намешавад. Инчунин воридоти молҳое, ки аз ААИ озод карда мешаванд, ба истисноi фурӯш ва таҳвили минбаъдаи онҳо дар дохили кишвар, ба арзиши воридоти андозбандишаванда дохил карда намешавад.

Тибқи банди 2-и ҳамин модда таҳвили мол (ба ғайр аз содироти мол), иҷрои кор ва хизматрасонии 12 номгуи амалиётҳо ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешаванд, аз ААИ озод мебошанд,аз ҷумла:

1) фурӯш, супоридан ё иҷораи молу мулки ғайриманқул, ба истисноi ҳолатҳои зерин:

а) фурӯш ё супоридани биноi меҳмонхонаҳо ё манзилгоҳ барои истироҳаткунандагон;

б) фурӯш ё супоридани биноҳои истиқоматии нави сохташуда;

в) фурӯш ё иҷораи молу мулки ғайриманқул, ки барои мақсадҳои соҳибкорӣ истифода бурда мешаванд, ба истисноi фурӯш ё гузашт намудани ҳуқуқ мутобиқи моддаи 247 Кодекси андоз.

2) хизматрасонии молиявӣ бар ивази подошпулӣ, ки номгӯи онҳоро Бонки миллии Тоҷикистон дар мувофиқа бо Вазорати молияи ҶТ ва мақоми ваколатдори давлатӣ муайян менамояд, аз ҷумла молу мулки моддии истеҳлокшаванда тибқи амалиёти иҷораи молиявӣ, ба истисноi таҳвили предмети иҷораи молиявӣ;

3) таҳвили пули миллӣ ва асъор (ба ғайр аз мақсадҳои нумизматикӣ);

4) таҳвили маҳсулоти махсуси истифодаи инфиродӣ барои маъюбон мувофиқи номгӯе, ки аз ҷониби Ҳукумат муайян карда мешавад;

5) таҳвили (фурӯши) либосҳои шакли ягонаи мактабӣ ва томактабии истеҳсоли ватанӣ, ки номгӯи онҳо бо пешниҳоди Вазорати маориф ва илм дар мувофиқа бо Вазорати молияи, Вазорати саноат ва технологияҳои нав ва мақоми ваколатдори давлатӣ аз ҷониби Ҳукумати ҶТ тасдиқ карда мешавад;

6) таҳвили (фурӯши) маводи доруворӣи истеҳсоли ватанӣ, ки номгӯи онҳо бо пешниҳоди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар

мувофиқа бо Вазорати молия ва мақоми ваколатдори давлатӣ аз ҷониби Ҳукумати ҶТ тасдиқ карда мешавад;

7) хизматрасонии оператори маълумоти фискалӣ, ки ба мақомоти андоз дар як вақт маълумоти дастгоҳҳои назоратӣ-хазинавиро дар бораи ҳисоббаробаркуниҳо ва рамзгузории электронии молҳо ирсол мекунад ва дорои таҷҳизоти махсус барои коркард, қабули мустақил ва доимӣ, ҳифз ва нигоҳдории криптографии маълумоти фискалии дар реҷаи онлайн (воқеӣ) гирифтшуда мебошад.

Тибқи банди 3-и ҳамин модда таҳвили металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, маснуоти заргарӣ аз металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, алюминийи аввалия, консентратҳои захираҳои табиӣ, маъданҳои молӣ, оҳанпораи металлҳои сиёҳу ранга ва металлҳои дигари дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшаванда, сабикаҳои ченакӣ аз металлҳои қиматбаҳои Бонки миллии Тоҷикистон, пилла, нахи пахта, калобаи пахта, пахтаи коркарднашуда, аз ҷумла барои содирот, аз ААИ озод карда мешавад.

**Намудҳои зерини воридот аз ААИ озод карда мешаванд:**

1) воридоти пули миллӣ ё асъор (ба ғайр аз мақсадҳои нумизматикӣ), инчунин коғазҳои қиматнок;

2) воридоти металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ва Вазорати молияи ҶТ барои Хазинаи давлатии сарватҳо, инчунин воридоти сабикаҳои ченакие, ки аз металлҳои қиматбаҳои онҳо дар хориҷи кишвар коркард карда шудаанд;

3) воридоти молҳое, ки ройгон ба мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешаванд, воридоти молҳо ба сифати кумаки башардӯстона, воридоти молҳое, ки ба ташкилотҳои эҳсонкорӣ барои мақсадҳои рафъи оқибатҳои офатҳои табиӣ, садама ва фалокатҳо ройгон дода мешаванд;

4) воридоти таҷҳизоти истеҳсолию технологӣ ва маҳсулоти такмилии онҳо, аз ҷумла дар асоси шартҳои иҷораи молиявӣ (лизинг), барои ташаккул ё пурра кардани фонди (сармояи) оинномавии корхонаҳо ё азнавтаҷҳизонии техникии истеҳсолоти амалкунанда, ба шарте ки ин молу мулк мустақиман барои истеҳсоли мол (иҷрои кор ва хизматрасонӣ) мутобиқи ҳуҷҷатҳои таъсисии корхона истифода шуда, ба категорияи молҳои зераксизӣ мансуб набошад. Дар сурати барҳамдиҳии чунин корхона ё аз ҷониби ин корхона дар давоми ду сол аз лаҳзаи воридот ба Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода нашудан ё ба шахси дигар таҳвил намудани таҷҳизоти истеҳсолии технологӣ ва маҳсулоти такмилие, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудаанд, ААИ, ки

мутобиқи ҳамин сархат пардохта нашудааст, ба буҷет бе амалисозии баҳисобгирӣ мутобиқи моддаи 266 Кодекси андоз ситонида мешавад, ба истисноი воридоти чунин таҷҳизот дар асоси шартҳои иҷораи молиявӣ (лизинг);

5) воридоти маводу лавозимот барои истеҳсоли доруворӣ, таҷҳизоти тиббӣ, фармасевтӣ ва асбобҳои тиббӣ, технологияҳои навтарин барои корхонаҳои дорусозӣ ва таҷҳизоти муосири ташхису табобат, инчунин дорувории тиббии алоҳидае, ки номгӯйи онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд, ба истисноი дорувории тиббии дар ҷумҳурӣ истеҳсолшаванда;

6) воридоти молҳо барои амалӣ намудани лоиҳаҳои сармоягузории Ҳукумат дар доираи маблағҳои созишномаҳои грантӣ ва қарзӣ;

7) воридоти молҳо барои сохтмони объектҳои махсусан муҳим, ба истисноი молҳои дар ҷумҳурӣ истеҳсолшавандае, ки номгӯи онҳоро Ҳукумат муайян менамояд;

8) воридоти таҷҳизоту техника, масолеҳи сохтмонӣ ва маводи дигар барои таъмини эҳтиёҷоти иншооти сайёҳӣ (аз ҷумла меҳмонхона, осоишгоҳ ва истироҳатгоҳҳои табобатӣ, марказҳои сайёҳӣ ва иншооти дигари сайёҳӣ), ба истисноი молҳои дар ҷумҳурӣ истеҳсолшаванда. Рӯйхати иншооти сайёҳӣ, номгӯй ва миқдори таҷҳизоту техника ва масолеҳи сохтмонии воридшаванда ва маводи дигар аз ҷониби Ҳукумат тасдиқ карда мешавад;

9) воридоти молҳо (ба истисноი молҳои зераксизӣ) барои истеҳсоли алюминийи аввалия бевосита аз ҷониби истеҳсолкунандагон тибқи номгӯй ва ҳаҷми муайяннамудаи Ҳукумат;

10) воридоти алюминийи аввалия;

11) воридоти техникаи ҳарбӣ, агрегатҳои асосӣ, силоҳ, лавозимоти ҷангӣ ва дастгоҳҳои парвозкунандаи таъиноти мудофиавӣ, инчунин қисмҳои эҳтиётӣ ба онҳо, арзиши хизматрасонӣ ва таъмир;

12) воридоти молҳои махсуси истифодаи фардӣ барои маъюбон мутобиқи номгӯе, ки аз ҷониби Ҳукумат муайян карда мешавад;

13) воридоти технологияву таҷҳизот ва мавод барои таъминоти соҳаҳои парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва (ё) воридоти молҳо, ба истисноი гандуми навъҳои 1-4, бевосита барои эҳтиёҷоти худии субъектҳои хоҷагидор дар соҳаҳои парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво аз 1 июни соли 2025 ба андозаи 75 дарсад ва аз 1 январи соли 2026 ба андозаи 50 дарсади меъёри ААИ;

14) воридоти ашёи хом барои коркард ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, аз ҷониби супорандагони ААИ ба истиснои ашёи хоми дар дохили ҷумҳурӣ истеҳсолшаванда ва молҳои зераксизӣ, ки тартиб ва номгӯи онҳоро Ҳукумати ҶТ муайян мекунад аз 1 июни соли 2025 ба андозаи 75 дарсад ва аз 1 январи соли 2026 ба андозаи 50 дарсади меъёри ААИ; [3]

15) воридоти воситаҳои нақлиёти танҳо бо муҳаррики барқӣ ҳаракаткунанда, аз ҷумла электромобилҳо, электробусҳо ва троллейбусҳо (агар аз санаи барориш 1 (як) сол нагузашта бошад);

16) воридоти сӯзишворӣ, моддаҳои кимиёвӣ ва равғанҳои молиданӣ барои киштиҳои ҳавоӣ (ҳавопаймо, чархбол) бевосита аз ҷониби ширкатҳои ҳавопаймоии ватанӣ;

17) воридоти (воридоти муваққатии) киштиҳои ҳавоӣ (ҳавопаймо, чархбол), муҳаррикҳо, агрегатҳои асосӣ ва қисмҳои эҳтиётӣ барои киштиҳои ҳавоӣ (ҳавопаймо, чархбол) бевосита аз ҷониби ширкатҳои ҳавопаймоии ватанӣ;

18) воридоти гази табиӣ;

19) воридоти мазути камсулфур барои эҳтиёҷоти марказҳои барқу гармидиҳӣ, ки миқдори он аз тарафи Ҳукумати ҶТ муқаррар карда мешавад;

20) воридоти молҳои варзишӣ барои таъмини эҳтиёҷоти субъектҳои соҳаи футболи Тоҷикистон. Номгӯй ва миқдори молҳои варзишӣ аз ҷониби Ҳукумати ҶТ тасдиқ карда мешавад.

Инчунин бояд қайд кард, ки оид ба дигар андозҳои дарКодекси андоз муқарраршуда низ ба соҳибкорони ватанӣ ва хориҷӣ барои ҳавасмангардонии сармоягузорӣ имтиёзҳо муқаррар шудааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи ҳуқуқию иқтисодии мустаҳкаме барои ҷалби сармоягузорӣ фароҳам овардааст. Дастгирии давлатӣ, имтиёзҳои гуногун, ҳимояи ҳуқуқӣ ва соҳаҳои асосии сармоягузорӣ имконияти васеъ барои тараққиёти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ фароҳам меорад.

---

[3] Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон /Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.11.2021, №549.

## Адабиёти истифодашуда:

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» аз 15 марти соли 2016, № 1299 (тағйиру иловаҳо ҚҶТ аз 3.08.2018 № 1547).
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаи сармоягузорӣ» аз 19 марти соли 2013, № 944 (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 с., №1435).
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» аз 28.декабри соли 2012, №907.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи консессияҳо» аз 26 декабри соли 2011, № 783.
5. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон /Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.11.2021, №549.